# Тиреза

Бюллетен

ОНҶОЕ, КИ ОДАМОН ВА ЭҶОДИЁТ ВОМЕХӮРАНД

ҶИЛДИ 2, НАШРИ 1


**| Чорабиниҳои асосӣ |**

*13 феврал*
Лексияи кушода
«Модернизми франсавӣ»
Лектор: Лариса Додхудоева

*20 феврал*
www.bactria.net
Тақдими веб сайт ва нашрҳо
Консерти мусиқии
фортепиано: Ҷасур Халилов

**| Дар ин нашр |**


«Сабаби ҳақонии шармсории русӣ» 3

«Постмодернизм: пайдоиш ва ташаккулёбӣ» 4

Мавҷи нав. «Нусхаи аслӣ» 5

«Тилло Теппе» - «Золотая вершина» 7






www.bactria.net

BACTRIA

Культурный Центр "Бактрия"
734000, Душанбе
ул. Мирзо Ризо 22

Bactria Culture Centre
Mirzo Rizo Street 22
734000, Dushanbe

+(992) 227-03-69
227-02-57
bactria@acted.org

ACTED

## Лавҳаи эълонҳо аз Георгий

Оғози соли 2009 дар тамоми дунё бо авҷи бӯҳрони молиявӣ ва бо мубоҳисаи он ки чӣ тавр оқтбатҳояш ба ин ё он соҳаи давлати мо таъсир мекунад қайд карда шуда буд. Дар ғарб, куҷо муассисаҳои фарҳангӣ бештар аз дастгирии компанияҳои тиҷоратӣ вобастаанд, ҳарҷӣ бештар лоиҳаҳои баланд мақсад хомӯш гардида истодаанд ва вазъияти муассисаҳои хурд бошад қариб дар таҳи хатари нест шудан мебошанд. Муфассалтар дар бораи ин, метавонед дар инҷо хонед: http://www.openspace.ru/art/projects/154/details/7380/

Хавотироти ҳамкасбони худро дар Америка ё Фаронса дарк карда, ки нақшаҳои эҷодии онҳо дар хатари амалӣ ногардидан аз барои бӯҳрони молиявӣ гузошта шудаанд, мутаасуфона (ё ба хайр) бояд қайд кунам, ки мо дар Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг оқибатҳои махсусан ҷиддиро мушахас намекунем… мумкин ки аз барои он бошад, ки бӯҳрон (ва на танҳо молиявӣ) - ин вазъияти давомдор дар соҳаи фарҳанги Тоҷикистон мебошад. Бисёри аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ғайритиҷоратӣ (гуфтан ба маврид аст, ки онҳоро дар Осиёи Миёна бо ангуштҳои даст ҳисоб кардан мумкин) дар ҳади махкам шудан вуҷуд доранд. Зеро ихтисоркунии шумораи коргарон дар чунин корхонаҳо, на ҳар сол рӯй медиҳад, балки ҳар моҳ.

Барои ҳамин банақшагирии дарозмӯҳлат ва ташаккулёбии муассисавӣ дар соҳаи фарҳанг - кори на чандон осон мебошад. Ва ба ҳар ҳол, дар бораи баъзе нақшаҳои дар соли 2009 пешбини кардашудаамон нақл карда метавонем. Дар қатори аввал рӯйдодҳои маркази фарҳангӣ мебошанд, мисли намоиши ҳар ҳафтаи филмҳо ва қаҳвахонаҳои забонӣ. Ҳамчун пеш, ҳамаи хоҳишмандон метавонанд ба дарсҳои забони англисӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ номи худро нависонанд. Мо ҳамеша барои беҳтар намудани сифати ин дарсҳо кӯшиш мекунем. Аз соли 2009 оғоз карда, дарсдиҳӣ дар курсҳо, мувофиқи меъёрҳои миллӣ ва байналхалқии омӯзиши забонҳои хориҷӣ рост оварда шудааст. Ба баланд намудани нархҳои дарсҳо нигоҳ накарда, ки татбири маҷбурӣ буд, омӯзиш дар дарсҳои забономӯзии МФ «Бохтар» чун пешина аз ҳама курсҳои забономӯзишӣ дар Душанбе дастрастар мемонад.

Дар моҳи декабр, дар Марказ мағозаи маҳсулотҳои ҳунармандии халқӣ «Тилло-Теппа» кори худро аз нав таҷдид намуд ва мо инчунин ният дорем, ки соли 2009 дар марказ қаҳвахонаи начандон калон ва мағозаи китобҳо пайдо мешаванд.

Мо умедворем, ки кори мунтазамонаи худро баҳри пешбурдани фарҳанги муосири миллӣ дар Тоҷикистон ва таҷрибаи санъати муоссирро, инчунин дар доираи лоиҳаи «Мактаби фарҳанги муосир» - силсилаи лексияҳо, мастер-классҳо ва семинарҳо бахшида ба таърих, назария ва таҷрибаи санъати муосир, мусиқии импровизатсия карда шуда, адабиёти муосири бадеӣ, арт-рӯзноманигорӣ ва арт-менеджмент, ба мо муяссар мегардад.

**Дар соли 2009 дар бораи нақшаҳо ва рӯйдодҳои мо метавонед дар Интернет дар сайти www.bactria.net хонда метавонед ва инчунин дархости худро фиристонида bactria@acted.org, ба бюллетни ҳармоҳаи мо обуна шуда ва маълумот дар бораи рӯйдодҳои мо гирифта метавонед.**

Мо инчунин барои шунидани фикрҳову дархостҳои шумо ва бо хушҳолӣ ба амалигардонидани лоиҳаҳои эҷодиву навовари шумо дар соҳаҳои санъати тасвирӣ, мусиқӣ, театр ва адабиёт дастгирӣ карданба омода ҳастем.

Ба ғайр аз пешгӯиҳои тира дар бораи таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба фарҳанг, тарафҳои мусбиаш ҳам ҳаст. Дар ҳолатҳои рӯҳафтодагии ҷамъиятӣ ба одамон гузаштан аз арзишҳои молӣ ва манфиатпарастӣ ба арзишҳои маънавӣ ва абадӣ хос аст. Умед дорам, ки ақалан ҳамин ҷиҳати бӯҳрони ҷаҳонӣ моро ногузошта намеравад… ва то боздид дар Маркази Фарҳангии «Бохтар».

*Георгий Мамедов Директори МФ «Бохтар»*

## Чорабиниҳои фарҳангӣ дар Душанбе

### Театр им. Маяковского

11 феврал, 14 30
«Пять жен Ходжа Насреддина»
13 феврал, 14 00
«Любовь Пери»

17 феврал, 10 00
«Старик Хоттабыч

27 феврал, 11 00
«Старик Хоттабыч»

### Театри ба номи Лоҳутӣ

5 феврал – 9 феврал,14.00 «Офати нафс»
аз рӯи асари «Маснавӣ» Мавлавии Румӣ;

13 феврал -14 феврал,14.00 - «Зуҳури Сӯхроб»
аз Шоҳномаи Фирдавсӣ;

17 феврал – 22 феврал, 10.00, 14.00 - «Мурги Хумо»
аз рӯи асари Нариман Бақозода;

24 феврал, 14.00 «Офати нафс»;
27 феврал – 28 феврал в 14.00 - «Кабки кафас» аз рӯи асари Т. Зульфикарова;

### Молодежный Театр

5 феврал, 10 00
"Зани сарватманд"
А. Амирли"

7 феврал, 12 00
"Чашмони бародари киёмати" Н. Табаров

**Дар бюллетени худ, мо ахборотҳоро дар бораи чорабиниҳои фарҳангие, ки дар шаҳри Душанбе бо ташкилотҳои гуногун гузаронида мешаванд, ҷойгир мекунем. Агар Шумо намояндаи ягон ташкилоти фарҳангӣ бошед ва мехоҳед, ки маълумоте дар бораи чорабиниҳои мегузарондагиатон чоп кунем, марҳамат ба мо нависед: bactria@acted.org Или по адресу: 734 000 Душанбе, Ул. Мирзо Ризо 22,Тел. +992 372 27 02 57,+992 372 27 03 69**

## ОНҶОЕ, КИ ОДАМОН ВА ЭҶОДИЁТ ВОМЕХӮРАНД

**WWW.BACTRIA.NET**

Редакционная коллегия: Георгий Мамедов, Адриенн Хрушка Анна Басанова (главный редактор)
Перевод: Фарух Кузиев,, Толиб Бахроми, Назарбек Назарбеков, Шабнам Шерматова, Адриен Хрушка
Фотографии: Джамшед Холиков, Антон Рухлов.
Дизайн обложки: Антон Рухлов.

**Сарпарастон:** "ACTED", Сафорати Фаронса, Сафорати ШМА
Раёсати Шветсария доир ба тараққиёт ва ҳамкорӣ

# «Сабаби ҳақонии шармсории русӣ»

## Дар Москва спектаклро, ки дар он калимаҳои «номаълум» истифода мешуд, маън карданд.

*Дар боби бюллетени мо «Дар бораи бадеиёт…», ки моҳи феврал ба нашр мебароянд, мо мехостем масъалаи истифода кардани суханҳои «номаълумро» муҳокима кунем ва ба диққати шумо мақолаи Марина Давидоваро пешниҳод мекунем, ки он дар сайти OPENSPACE.RU чоп шуда буд. Мақола дар шакли мухтасар чоп мешавад. Нусхаи пурраи мақоларо аз инҷо гирифтан мумкин:* ***http://www.openspace.ru/theatre/projects/139/details/7465/***

Соли нав дар Москваи театрӣ чун ҳарвақта бо ҳодисаи ногувор оғоз шуд – раёсати Хонаи Фарҳанг (ХФ) ба номи Зуев барои намоиши спектакли Олга Субботинаро бо номи “Про баб” (Дар бораи занҳо”), зеро дар он қаҳрамонони намоиш калимаҳои “клитор”, “оргазм” ва “сперма” – ро истифода мебаранд. Ба худ тасаввур кардан бисёр мушкил аст, ки дар шартномаи иҷоравӣ қайди махсус мавҷуд бошаду, вай ҳуқуқи маън намудани намоиши спектаклро – аз рӯи андешаҳои баландахлоқӣ, медода бошад, ки ба он аллакай ҳама чиптаҳо фурӯхта шуда буданд,. Аммо раёсати ХФ бисёр қавиирода будааст. Вай чунин корро аз барои муҳаббат бар санъат кард. Вай хомӯш буда наметавонист. На он қадар раҳмам ба спектали «Про баб» (Дар бораи занҳо”) меояд. Ман танҳо гумон мекунам, кӣ арзишҳои санъатиаш ба пурҷилоии номаш мувофиқат мекунад. Валекин, дар ҳайрат меоӣ, ки шахсони чӣ қадар бо фарҳанг дар хонаҳои фарҳангии мо кор мекунанд. Ва умуман дар соҳаи фарҳанг, махсусан фарҳанги таетрӣ.

Тақрибан ҳамон давра, ки ғалоғула дар гирди песаи бародарон Пресниковҳо дар МХТ (Театри академиву санъатии Москва) мерафт, ба ман имконият пайдо шуд, ки бо драматурги машҳури англисӣ Марк Равенхилл сӯҳбат ороста кунам. Ман хостам аз ӯ бифаҳмам, ки аҳли оммаи театрӣ чӣ гуна ба нутқи махсус ва саҳнаҳои садамазахистӣ дар песаҳои ӯ қабул мекарданд, ки дар муқоисса бо онҳо ошкоронагии «Про баб» (Дар бораи занҳо”) мисли дарси шаҳватшиносӣ ба ҷавонони мактабҳои таҳсили ҳамагонӣ (масъалаи арзиши санъатии асарҳоро мо дигар тараф мегузорем, вай тамоман аз дигар соҳа) монанд буд. Равенхилл муддати дароз тамоман фаҳмида наметавонист, ки дар бораи чӣ ман ӯро мепурсам ва баъд аз лаҳзае саволамро фаҳмид. Савол дар бораи ахлоқиву бадахлоқӣ дар саҳна, кайҳо боз дар давлати ӯ ва ҳамчунин дар дигар давлатҳои аврупо (мумкин, ки танҳо ба ғайр аз Албания дар бораяш ба ман ҳеҷ чиз маълум нест), мавзӯъи баҳсу мунозиравӣ нест. Пеш буд, ҳозир бошад не. Агар бо зиндагӣ муқоиса кунем пеш саҳна хеле ҳам, мисли як фазои дар он на ҳар кор иҷозат мешудагӣ буд. Мисол дар лаби баҳр бо либбоси оббозӣ баромада мешуд, аммо ба саҳна бошад бо чунин либосҳо буромадан ҳоло мумкин набуд. Асабонии (зиёнгирии) занона ҳамчун кори беадабӣ бошад ҳам, аммо ҳамчун корӣ маълум (муайн) ба ҳисоб мерафт. Вале дар саҳна зане, ки дар рӯи фарш ғелида зиёнгириашро кунад, тамошобинонро ба ҳайрат оварда метавонист. Асри ХХ (зуд не албатта, аммо дар натиҷаи кашокашҳои дуру дароз) шумораи чизҳои маъншударо кам кард. Дар зиндагии ҳақиқӣ бошад, созишҳои ҷамъиятӣ чун пешина хеле бо муваффақ кор мекунанд. Лекин саҳна бошад ба як фазои озоди эстетикӣ мубадал гашт, ки аз ҳамагуна андозбандиҳо дар шакли этикет, озод мебошад. Албатта дар онҷо ҳам, агар ягон чиз маъқул на бошад, метавонанд ба ғазаб омада, аз толор «Бу-у-у!» гуфта дод гӯянд. Аммо намоиши спектаклро ба сабаби доштани суханҳои номаълум (ва ҳоло он ки нутқи маъмулӣ, лекин ба гӯш ноформ) доштанаш маън кардан, ҳатто фикр дар бораи ин ба сари ҳеҷ кас намеояд.

Тасмим гирифтан мумкин аст, ки шояд чунин озодӣ метавонад фазои ахлоқии ҷомеаро вайрон кунад. Аммо ин хел набуд. Ягон хел беахлоқӣ дар Белгия, Дания, Финляндия ё Олмон (куҷо баъзан, чунин гапҳо ва чунин чизҳоро нишон медиҳанд ки), ба Худо, дида намешуд. Ҳатто баракс. Дар онҷо шумораи педофилҳо ва дигар фасодкорон, назар ба шумораи онҳо дар давлати мо зиёд нестанд. Ксенофобия бошад беандоза кам аст. Дар ин давлатҳо ба маъюбон ва нафақахӯрон хеле хуб нигоҳу бинӣ мекунанд. Дар ин давлатҳо ронандаҳои мошин хеле боадаб мебошанд, ки хеле кам ҳодисаҳои ба садама дар роҳ рӯй медиҳад. Коррупсия дар онҷо хеле кам мебошад, ва ҳоказо. **Чӣ қадаре ки санъаткор худро дар фазои санъат озод ҳис кунад, ҳамон қадар шаҳрвандони қонунро риоя мекардагӣ, бо масъулият ва бо ахлоқ бо ӯ дар як давлат зиндагӣ мекунанд.** Дар инҷо алоқаи сабабияту натиҷавиро фаҳмидан лозим: на онҳо бо ахлоқу масъул ҳастанд, барои он не, ки вай озод аст, вай бошад озод ҳаст барои он ки онҳо бо ахлоқ ва масъул ҳастанд. **Таҳамул ба арбадаи ҳунарӣ - ин озмоиши маданиятнокӣ мебошад.**

Ва баракс. Давлати бисёр хуши моро, ки чунон нозук ба суханҳои дар саҳна мегуфтагӣ диққат медиҳад, хеле душвор аст давлати тарзи зисташ баланд фарҳанг номидан ва гуфтан, ки суханҳои дағалро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ - аз мағоза то троллейбус тамоман фаҳмидан мумкин нест, гуфта наметавонем, ки дар ин давлат одамон ҳеҷ вақт якдигарро дар метро тела намедиҳанд, ва инчунин ба якдигар туф намекунанд ва дар қаторҳои поезд ифлоскорӣ намекунанд. Агар бо ягон муассисаи фарҳангии Англия муқоиса кунем ман гумон мебарам, албатта ин гумони ман ягон асос надорад, ки дар ҳаёт, раёсати ХФ худро хелеҳам озод рафтор мекунад. Дар онҷо-ку, барои ягон сухани ношоиста гуфтан ба занкоргари худ ё ба ӯ нигоҳи ягон хел гумонангез кардан, кас метавонад ба осонӣ ба sexual harassment айбдор шавад. Дар мо бошад, муносибати аз одоб берун ва баъзан ҳатто дағалӣ аз тарафи сардор ба зан-коргар – ба оддат шудааст. Дар шармсории русӣ дар тарафи дигараш беадабии русӣ панох мебошад. Ба худ айён тасавур мекунам, ки чӣ тавр тамошобини ба ғазаб омада аз театр баромада мегӯяд: «Не, инро бинед, охир ҳақорат мекунанд ку, модараша ….! Дар саҳна истода ҳақорат мекунанд! Ин худаш чӣ гап, зораша …!» Дар инҷо, берун аз ибодатхонаи санъат, ба ҳиссиёт ва суханҳои худ озоди бахшида мешавад. Дар инҷо **созишномаҳои (конвентсияҳои) ҷамъиятӣ чунон ганда кор мекунанд**, ки шаҳрвандон, махсусан агар онҳо депутат ё сардорони ХФ бошанд, **фарҳангро** ва умуман **театрро** инчунин, мисли **фазои махкам, чун мамнунгоҳ** нигоҳ медоранд, куҷо қабоҳати умумии зиндагӣ набояд дароянд. **Ин гуна муносибати нозук нисбати бо ахлоқӣ дар санъат, натиҷаи набудани он дар ҳаёт мебошад.**

**CinemArt**

**“Ангел-А”**
***5 Фев. / 17:00***
Режиссёр:
Люк Бессон
(Фаронса/2005)
Забон: фаронсавӣ бо зернавиштҳои русӣ
Давомнокӣ: 1:28

**“Призраки Гойи”**
***12 Фев. / 17:00***
Режиссёр:
Милош Форман
(ИМА, Испания)
Забон: русӣ
Давомнокӣ: 1:54

**“Входите без стука”**
***19 Фев. / 17:00***
Режиссёр:
Вим Вендерс (ИМА, Олмон)
Забон: англисӣ бо зернавиштҳои русӣ
Давомнокӣ: 2:02

**“Изгнание”**
***26 Фев. / 17:00***
Режиссёр:
Андрей Звягинсев
(Россия)
Забон: русӣ
Давомнокӣ: 1:36

# Постмодернизм: пайдоиш ва ташаккулёбӣ

## Тезисҳои лексияе, ки 28-уми ноябри соли 2008, хонда шуда буд.

Постмодернизмро дар чанд ҷиҳатҳо муоина кардан мумкин: дар ҷиҳати филологӣ, ҳамчун таҳлили асарҳои постмодернистӣ ва ҳамчун танқиди ақидаи ин зуҳурот, ки ҳама намудҳои санъат, фалсафа, иҷтимо, архитектура ва ғайра чизҳоро дар бар мегирад.

У.Эко андеша дорад, ки **модернизм ва постмодернизм, дар давраҳои бӯҳронӣ, ҳамавақт ба санъат хос мебошанд**. М.Эпштейн модерниро ҳамчун хусусияти санъат дар тариқи умумӣ тақсим мекунад ва модернизм ва постмодернизмро бошад, ҳамчун ҷараёни давраи муқаррар дар санъат муайян мекунад. Худи мафҳуми "модерн" (асбоби бисоти хона, либос) бо як чизи нозук, нав, муосир монанд карда мешавад. Истилоҳи "постмодернизм" дар китоби Р.Паннвис "Кризис европейской культуры" (Бӯҳрони фарҳанги аврупо) дар соли 1917 пайдо шуда буд, яъне дар давраи ташаккул ёбии модернизм, гарчанде ки шартан модернизмро ба якум нимаи асри XX-ум мансуб медонанд, постмодернизмро бошад ба нимаи дуюм. Зуҳуротҳои онҳоро дар санъат ҳамбаста мекардагӣ - экзистентсионализм, «театри сафсата», «романи нав», «структурализм» ва баъдан структурализм ва постструктурализм.

Олимони фалсафа ва филология Леви Стресс, Р. Якобсон, Лесли Фидлер, У.Эко, М.Фико, Ж.Лакан, Ж.Деррида, Ю.Кристева назарияи постмодернизмро ва луғати махсуси постмодернистиро офариданд, ки истилоҳҳои асосии он – "деконструксия", "дегероизатсия", "текст", "интертекстуалӣ", "симулякр", "ризома", "пастиш", "дунё мисли матн", "марги муаллиф" ва ғайраҳо мебошанд. Дар асоснок кардани назарияи худ, онҳо ба фалсафаи А. Шопенгауэр, Ф. Нитсше, З.Фрейд, А.Бергсон, Ортег-и-Гассет ва ғайраҳо, такия мекарданд.

Сабабҳои иҷтимоии пайдоиши модернизм: тайёри ба ҷанги якуми ҷаҳонӣ, худи ҷанг, ки ба туфайли он - «аз нав дида бароии арзишҳо» пайдо шуд, бароии он ки манифестҳои ҷараёнҳои модернистӣ ё дар давраи ҷанг офарида шуда буданд, ё дар аввалҳои асри 20-ум. Баъдан модернизм сустар мешавад, дар тахти фишори ҷараёнҳои зидди фашистӣ, зидди ҷангӣ ва ҷанги дуюми ҷаҳонӣ. Баъд аз димоғчоқии кӯтоҳмуддат, доир ба ғалабаи қувваҳои зидди фашистон, маъюсӣ дар бораи ҷамъбасти ҷанг («Смерть в Риме» (Марг дар Рим)-и В.Кёппен ва ҳамаи «группа 47» ( гурӯҳи 47)), танқидгарон аз давраи баъди ҷанг зинда монӣ («Шкура» (Пӯст) Малапарте), худро гумм кардани иштирокчиёни Муқовимат («Мандарины» Симон де Бовуар).

Солҳои 50-ум равишҳои бештари давраи баъди ҷангии Аврупоро муайян мекунад. Оғози "ҷанги сард", "ҳабси Маршалл" ва пайдоиши "ҷамъияти истеъмол кунандагон", "насли шикасташудаи икс", хиппи ва "ба ғазаб омадагиҳо". Ба сюрреализм, ки ба постмодернизм аз ҳама бештар наздик ҳаст, мэтрҳои сафеди он бармегарданд (Л.Арагон).

Китоби Ж.Перека «Вещи» (Чизҳо) **чизпарастиро** (вещизм) ҳамчун мақсади асосӣ дар зиндагии одам муайян месозад: «Урок вещей» (Дарси чизҳо)-и К.Симон, «вопрос о счастье поставлен» (Савол дар бораи хушбахтӣ гузошта шуд) – А.Стиль. Ҷамъбасти «чизпарастӣ» асари – «Розы в кредит» (Гулҳои садбарг ба қарз)-и Э.Триоле. Ин роман, ки бо услуби постмодернистӣ анҷом ёфта буд: қаҳрамони асар – Мартинаро, аз бароии рағбати зиёд ба ҷизҳо доштанаш ва бетақвоияш («гулҳои садбарг фурӯхта намешаванд») калламушҳо мехӯранд. Баъд аз чандин даҳҳо сол дар китоби П.Зюскинд «Парфюмер» инчунин бароии фанатизм (ҷамъ намудани бӯйҳо ҳам – чизпарастӣ (вещизм) мебошад) қаҳрамонро одамон мехӯранд.

Алоқаи модернизм бо постмодернизм дар муқоисаи «Улисс», «Поминок по Финнеграну» (Ёдгорӣ дар бораи Финнегран)-и Д.Ҷойс бо асарҳои постмодернистӣ зоҳир мешавад.

**Сабабҳои эстетикии пайдошавии модернизм, рад кардани онҳо аз гузашта, аз анъанаҳои гузашта, дар он вобаста мебошад, ки реализм ҳунармандонро дигар қонеъ намекардагӣ шуд, онҳо мехостанд дигар роҳҳоро дар санъат пайдо кунанд, бо ҷиҳати нав худро ва муносибати худро ба атрофашон ифода созанд.** Такрори сужетҳо («сужетҳои оворагард»), психологизм дар ошкор намудани камолот дар эҷодиёти намояндаҳои «асри тиллоӣ», ки имконнопазирии кардани бехтарин - ба рад кардани мазмун ва ба бозӣ намудан бо шакл (сюрреализм, «романи нав», «театри сафсата», ҷараёнҳои авангардӣ), яъне бо сохтнокӣ, табӣ омӯхтани матн оварда расонид. **Махз деконструктивизм – вайрон кардани санъат, бо фишор баровардани мазмун, афзалияти шакл мебошад, ва ин бошад, дар навбати худ, сабабияти бо майлҳои табии (инстинктҳо) бо зӯр аз байн баровардани ақл, ё худ дегероизатсия кунонии шахсият шуд.** Дунё дар эҷодиёти бештари рассомон (ҳунармандон) ҳамчун хаос, сафсата (дар маънои васеъи ин калимаҳо) тасвир шудааст. Номи асари – эпатаж, ки У.Экоро бо интихоб намудани «номи гули садбарг» сафед мекнад, «Лысая певица» (Сароянда-зани кал) асари Э.Ионеско ва ғайраҳо. Паст кардани нақши ақл, рад кардан аз инсониятпарварӣ танқиди давраҳои Эҳё ва Маърифатро муайян карданд. Истифода намудани асотир (мифология), фолклор, фантастика, рағбат ба давраи Асрҳои Миёна, асосан бо орзуи паст кардани одам, харобшавӣ ва таназзули ӯро айёнтар намудан, мебошад: Одиссей ва Блум («Улисс»), Кентавр ва Колдуэлл («Кентавр»), Томас Манн, ки соли 1955 вафот карда буд, на медонист, ки дере нагузашта Леверкюн – Фаусти асри XX-ро бо шайтон на Бетховен ғалаба мекунад, на инсонпарварӣ, балки худи шайтон. Гуфтан ба маврид аст, ки дар "Доктор Фауст", романи интилектуалӣ, услубҳои модернистӣ ва ҳатто постмодернистӣ дар тасвир намоии ду тақсим шавии шахсияти одам, табиати мурда в ағайраҳо, вуҷуд дорад.

Ба ҷои мазмун, ба матн нигоҳ кардан, бозиро бо суханҳои интертекстуалӣ, тақлид (пастиш), истифодаи симулякр (нусха) ва ғайраҳо, оммавӣ мекунанд.

Мисол У.Эко дар "Имя розы" (Номи гули садбарг) сохти услуби детективии А.Конан-Дойл, «Вавилонская билиотека» (Китобхонаи Вавилон)-и Х.Борхесро ва лабиринти ӯро, истифода мекунад, вале «Остров на кануне» (Ҷазира як рӯз пеш) бошад дар асоси иқтибосоварӣ сохта шудааст.

Дар асари Д.Фаулз «Коллексионер» (Коллексионер) интертекстуалнокиаш аз «Бури» (Бӯҳронҳо)-и Шекспир мебошад. Дар асари «Подруге французского лейтенанта» (Дугонаи лейтенанти фаронсавӣ) бошад аз асарҳои эссеии Т.Гарди, тақлид ба романҳои викторианӣ. Дар асари П.Зюскинд «Парфюмер», интертекстуалнокӣ аз асари Золя («Чрево Парижа») (Батни Париж), Ф.Нитсше, детективҳо.

**Омехтакунии жанрҳо, сабкҳо ҳам аз хусусиятҳои эстетикаи постмодернистӣ мебошад.**

Нигаронӣ ба вақт ва фазо, ки бештар дар «Улисс» асари Ҷойс бар мехӯрад: Дублин – макони географии ӯ мебошад, шаҳри - лабиринтӣ, вақт - як рӯз; «Имя розы» (Номи гули садбарг) – дайр (монастырь), лабиринт, бо ҳафт рӯзи ҳар соаташ қайд карда шуда ва ғайраҳо.

Микро ривоятҳо – таърихи башариятро рамз мекунанд. Ҷиҳати ҳикоятҳои тамсилӣ доштан дар бисёр китобҳои нависандаҳои муосир машҳуру оммавӣ будани – ҳикояҳои тамсилиро муайян мекунад: фоҷиа-ҳикоя, роман-ҳикоя, сюжетҳои мифологӣ дар ҳамбастагӣ бо сюжетҳои муосир.

Уэлбек ва романҳои ӯ - «Элементарные частицы» (Зарраҳои ибтидоӣ) ва «Возможность острова» (Имконияти ҷазира), асари Каррер «Усы» (Мӯйлаб), асарҳои М.Павич ва М.Кундер – энсиклопедияи постмодернизм мебошанд. Дар онҳо документализм (ҷиҳати културологиаш) бо ҷараёни шуур, бе шуурона, оҷизона, паст, одамро ҳамчун «зарраи ибтидоӣ» тасвир кунанда, ки танҳо қобили клонкунӣ дошта бошад, аммо клонҳо офарандаҳои худро бад мебинанд. Зиддӣ хаёлпарастиҳо (антиутопияҳо) - чун пешгӯии даҳшат мебошанд, ояндаи маъюби башарият, ки аз ақл маҳрумаст. «Ниқоби муаллифӣ» имконият медиҳад ҳамагуна авторитетҳоро вайрон созад, динро инкор кунад ва «дунёро ҳамчун матн» тасвир кунад, ки аз эмотсияҳо, ишқ маҳрум аст.

*Спектор А.Л., Профессори (РТСУ) Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон*

# Мавҷи нав. «Нусхаи аслӣ»



27 ноябри соли 2008 дар театри ба номи Маяковский бо ташаббуси МФ «Бохтар» кушодашавии намоишгоҳ баргузор гардид, ки вай марҳилаи ҷамъбастии лоиҳаи омӯзишӣ дар соҳаи санъати муосир барои рассомони ҷавон гардид. Ба иштирокчиён курси лексияҳо дар бораи таърихи санъати муосири асри 20 хонда шуд, ки дар ҷамъбасти он дарсҳои амалӣ гузаронида шуда буд.

Бо яке аз роҳбарони лоиҳа мавзӯъи қисми амалии «Нусхаи аслӣ» пешниҳод карда шуда буд. Ин масъаларо якбора, ҳам осон ва ҳам душвор кард. Он ҷиҳат, ки ҳар як иштирокчӣ ҳамчун асоси кори худ асари машҳури рассоми шинохтаро интихоб мекунад, аллакай натиҷаи корро ҳамчун «объекти актуалии санъат», муайян месохт, новобаста аз сатҳи кори пешниҳод намуда. Аммо, кор аз рӯи мақоми асари муаллифи бузург, натанҳо маҳоратро талаб мекунад, балки вазъи хеле ба нафосати рӯҳиро, барои он ки моҳият танҳо дар такрор кардан, илова намудан ё рабудан нест. Лозим аст моҳияти асарро нигоҳ доштан, онро бо ягон чизе илова кардан ва ҳамон замон бо дағалнокӣ, хомфикрӣ ва танбалӣ, нубуғи асари аслиро вайрон накардан мебошад.

Намоишгоҳи мазкур хеле ғайриоддӣ мебошад. Мумкин, ки хуб мешуд агар номашро чунин мегузоштем: «Санъати актуалиро чӣ тавр кардан лозим ва чӣ тавр кардан мумкин нест». Қисми корҳо барои ман чун позитивии (мусбии) бетараф монданд. Ин асарҳо мумкин ки ганда набошанд, аммо бешак барои такмил додан ниёз доранд. Кори Рустамова Азиза **«Решаҳои сурх»** аз рӯи асари Феликс Валлотон «Манзараи табиат бо дарахтон” гирифта шудаст. Ягон чизи зиёдатӣ надорад, ҳамааш қатъиян фаҳмо – ранги сурхи решаҳо барои рамзхонӣ ниёз надоранд. Ин корро, ҳамчун асари дорои фалсафаи чуқур номидан мумкин. Чунон ошкор ва чунон чуқур, ки ин бо худ нуқси вай корро меорад. Ба ғайр аз ин, худи масолеҳе, ки муаллиф интихоб кардааст эҳтимол на он қадар таъссирбахш мебошад. Решаҳои қавӣ бо услуби папйе-маше дар назди баннери, ки дар он асари Валлотон чоп шудааст ва хеле нонамою хира менамуд, тазоди нофорам медод. Ҳамон нуқсро дар “нобаробарҳуқуқии” масолеҳҳо мо дар кори Светлана Ли, Мадина Пилеева ва Шифо Шукурова мебинем. Дар инстолятсияи онҳо аз рӯи асари Шагал “Дар болои шаҳр” ду қисми муратаб - ду ошиқи дар ҳаво овезон ва видеонавор, ки дар он мазеъи кӯҳӣ гирифта шудааст, тамоман чун ягонагии том қабул намешаванд. Мумкин, ки нуқси дарк кардани ин кор дар намоиш додани вай мебошад. Ғоя ин кор хеле ҳам ҷолиб, аммо зоҳиран дида мешавад, ки вай ба такмил додан ва таҳлили дақиқи муносибати худи муаллифон ба масъалаи гузошта шуда ниёз дорад, барои он ки маҳз аз мавқеи шахсии онҳо дар интихоби масолеҳ дур шудан лозим аст. Ҳамчунин, ба категорияи «Аз



“Красные корни” Азиза Рустамова



“Отношения” Екатерина Груздева, Вика Эверт

не гуфтан дида, дурустараш ҳа», бе шубҳа кори Каримова Насиба ва Абдусамадова Манзумаро дохил кардан даркор, ки аз рӯи асари Явачев Кристо мебошад. Инстолятсия аз хиштҳои печонида шуда мебошад. Масолеҳ барои печонидан чит буд, ки аз он оддатан, куртаҳои миллии аз ҳама арзони занона дӯхта мешавад. 55-то хишт дар шакли квадрат (мураббаъ) чинда шуда буданд, ки якчандто нишема доранд ва зоҳиран ба таҳкурсӣ бино монанд аст. Чунин як ҳамбастагии симоҳои тасаввурот – чандин наслҳои занҳои басташудаи бенаво, ки ҳамчун асос барои он чизе ки нест хизмат мекунанд. Инчунин дар бораи занҳо ба мо Екатерина Груздева ва Вика Эверт дар кори худ **«Отношения» (Муносибат)**, (сурати Холиқов Ҷамшед) нақл карданд. Ин кор аз рӯи асари перформанси Улэй ва Абрамович «Отношение во времени» (Муносибат дар замон) эҷод карда шудааст. Кори онҳо дар бораи мураккабии муносибат байни занҳо нақл мекунад. Мавзӯъ хеле аҷоиб, аммо дар иҷроиши онҳо кор ҳамон шиддате, ки дар асари аслӣ буд гум мекунад. Мумкин, ки ин бо муаллифон чунин пешбинӣ шуда бошад, аммо дар ин кор вектор нест. Дар кори Улэй ва Абрамович бошад, гуногунҷинсӣ ҳамчун омили вектор мебошад.

Фикр мекунам, ки аз муаллифони дар боло қайд карда шуда мо дар оянда метавонем чизҳои беҳтарро бинем. Аммо биёед дар бораи ҳозира сухан кунем. Мисол, дар бораи объектҳои пурра ҳақиқии санъати актуалӣ, ки дар намоишгоҳи «Нусхаи аслӣ» пешниҳод карда шуда буданд. Дар услуби анъанавии дӯхтани қуроқ, Шарипова Зӯҳро асари Пит Мондрианиро «Победа бугги-вугги» (Ғалабаи бугги-вугги) айнан такрор кард. Муносибати аҷоиб дуруст ба нусхаи аслӣ ва бо тобиши маҳаллии илова карда шуда, ин корро ҳамчун ифодаи зоҳирии мафҳуми таҳаммулӣ мекунад. Оё мумкин аст ки дар ҷаҳони имрӯза, мусулмон духтараки осиёӣ, бо услуби анъанавии халқи худ, харитаи штатҳои Америкаро тайёр кунад?

Масъалаи душворро пеши худ Бозичаев Сайёд, Аҳмадалиев Меҳроҷ, Латипов Шерзамон, Илёсов Элдар гузоштаанд ва онро бе ягон нуқс тайёр намуданд. Асарҳои аслии хеле мухтасар ва дар ифодаи худ мукаммал, ба нусхаҳо мутаҳид карда шуда буд, ки онҳоро тавсиф кардан ҳам намешавад…. Ҳайкалҳои сафеде, ки бо ягҷоякунии шаклҳои оддии геометри сохта шудаанд. Аҷоиб пурмаъно ва тоза. Ин ҳайкалҳо гӯё дар як замон ҳам нури равшаниро ба худ мегиранд ва ҳам пароканда мекунанд, тамошобинро бо футуристии худ дилписанд мекунанд. Муносибати дурусти онҳо ба нусхаи аслӣ ва иҷроиши пурраи масъалаи гузошта шуда хурсанд мекунад.

**Аз рӯи автопортрети Ван Гог** бо гӯши бурида Тоҷиева Нигина ва Мирмухамедов Мақсуд кори худро эҷод кардаанд. Аппликатсияи флористикӣ. Тарзи намоишдиҳии (нигоридани) кор – дар зери фарш дар ҳайрат меорад, дар тӯдаи баргҳо – ин рӯй мебошад, ки гӯё бо худи табиат бофта шудааст. Гӯё ҳозир шамол мевазаду ва вай нест мешавад. Дар ин кор кадом як чизи ноаёне ҳам вуҷуд дорад, вай гӯё тамошобинро бо ногаҳонии худ ба ҳабс мегирад, вай тамошобинро дар назди худ нигоҳ медорад. Кори фавқуллода. Ин маҳз ҳамон корест, вақте ки чизи пешкаш намуда на танҳо фикр ва муддате бо шавқ тамошо карданро водор месозад, балки тапиши задани дилро ҳам афзунтар мекунад.



“Портрет Ван Гога” Нигина Таджиева, Максуд Мирмухамедов

Ба ташкил кунандагони лоиҳа офарин гуфтан лозим, ки онҳо то охир ростқавл монданд ва ба иштирокчиёни лоиҳа “таъсир” расонидан ва ба пушти иборахои мисли “ман чунин мебинам” руст шудан, имконият надоданд. Ба ҳар як кор паёми худи муаллифон ба тамошобин ҳамроҳ карда шуда буд ва муаллиф дар онҷо мегуфт, ки чигуна масъала ба пеши худ гузошта буд. Мутаассуфона, бештари корҳои пешкаш шуда ба масъалаҳои гузошташудаи муаллифон ҷавобгӯ набуданд.

Кори Вера Корхунова ба ман беандоза содда намуд. Арзи ақидавии “ман мусиқии одами кар таваллудшударо мешунавам”, каме аз будаш зиёд карда нишон дода шудааст. Одами кар мусиқиро дигар хел эҳсос карда метавонад, вале шунида наметавонад, барои ҳамин вақте ки ин мавзӯро интихоб карда буд, даркор буд, ки истилоҳи наздиктар, барои ифода намудани тарзи дарк кардани мусиқиро бо одами кар интихоб кунад. Ин кор аз рӯи асари София Кал “Слепые” (Кӯрон) тақлид карда шуда буд, аммо муаллиф ҳатто то сатҳи нусхаи аслӣ наздик шуда натавонист. Дар ин кор асаб вуҷуд надорад. Мумкин, ки асли интихоб карда шуда нодуруст буд ва шояд ба муаллиф дигар чизро интихоб кардан лозим буд, ки ба худаш наздик бошад.

Инчунин кори Убайдуллоев Абдулло, Вера Корхунова «Ангелы среди нас» (Фариштаҳо дар байни мо) маъқул нашуд. Ин кор агар ки дар ҷои алоҳида ба намоиш гузошта мешуд, он гоҳ ҷолиб нумуда метавонист ва инчунин муаллиф дар вақти тайёр намудани фариштаҳои худ каме зиёд маҳоратчигӣ кардааст. Ҳоло бошад чунон таассурот пайдо мешавад, ки гӯё шаклҳо дар фабрика сохта шуда бошанд ва онҳоро ё аз Иди мавлуди Исо ғундоштан фаромӯш кардаанд, ё имсол утоқро рангу бор кардан каме саросема шудаанд.

Яке аз корҳои пешкаш намудаи аз ҳама бемуваффақият, дар ин намоиш, ин кори Кладо Инна мебошад, ки аз рӯи асари Колфилд Патрик «Натюрморт с кувшином и бутылкой» (Натюрморт бо кӯза ва зарфи шишагин) эҷод карда шуда буд. Вай ба худ масъалаи «аз тасвири сатҳӣ, ки бо асл карда шуда буд баромаданро гузошта», тамоман аз ӯҳдаи ин кор баромада натавонист. Ҳамвории тасвирот гум нашуд ва он масолеҳе, ки бо он муаллиф мехост тасвири ҳаҷмиро созад, хушкмева буд, ки аз вай дар лоиҳаҳои рассомони маҳаллии актуалӣ аллакай дилгир шудаанд. Дар қатори онҳо киви ҳам буд, ки ин мевaро ҳоло дар Тоҷикистон парвариш намекунанд ва ҳатто дар бораи тобиши миллӣ доштани ин мева сухан кардан мумкин нест. Ба ғайр аз ин тамоман нофаҳмо мебошад, барои чӣ асареро, ки муҳимияти он дар сатҳӣ буданаш мебошад гирифта, ба худ масъалаи аз «он баромаданро» гузоштан лозим.

Таaҷҷуби зиёдро лоиҳаи «Метамарфоза» водор мекунад, ки аз рӯи асари духтаракони Авиниониии Пикассо эҷод карда шудааст ва бо Сулаймон Шарифӣ ва Озар Шарифӣ тайёр карда шудаанд. Дар вай мусиқӣ, видонавор варақаҳои графикӣ ҳамбаста карда шудаанд. Мусиқиаш самимона ором мебошад, аммо муаллифон дар пайёми худ ба тамошобин мегуфтанд, ки маҳз чунин оҳанг доранд он вақте, ки фоишахона месӯзад – хеле аҷиб ба андешаи мо. Варақаҳои графикӣ пешкаш намуда дар мавзӯъи «Жители Черного Континента» (Сокинони континенти сиёх), ба тамошобин он чизро нишон медодан, ки вай як вақтҳо Пикассои бузургро барои навистани духтаракони Авинионӣ рӯҳбаланд карда буд. Видеонавор ба мо сӯзонидани нусхаи чопии духтарони Авиниониро ва оғози ҷараёни корро дар тайёр намудани варқаҳои графикӣ бо хокистари аз нусхаи чопӣ, тасвир мекард. Душвор аст гуфтан, ки муаллифони ин кор чиро бо ин дар фикр доштанд. Чанд намуди воситаҳоро ҳамбаста карда, онҳо натавонистанд фикри худро фаҳмо ифода кунанд, агар ки чунин худаш мавҷуд буд. Он чизеро ки мо дидем, вай ба «гардиши об дар табиат» монандӣ дорад, вале Пикассо дар инҷо чӣ дахл дорад ва духтарони Авиниони осебдида – тамоман нофаҳмо мебошад. Инчунин, кӯшиши арбадакунӣ танҳо бо сухан ба табъ нофорам меояд. Шояд аввал паёмномаро ба тамошобин навистан лозим буд ва танҳо баъд ба кори тайёр намудани қисми визуалӣ ва садоии лоиҳа оғоз кардан лозим буд.

Сарфи назар аз он ки ҳар як рассом ба пеши худ масъалаи аниқро гузошта буд ва онро аз рӯи имкониятҳо ба вай мавҷуд буда ҳал мекард, масъалаи асосӣ ва умумӣ ба ҳама он буд, ки вайро ташкил кунандагони лоиҳа ифода карда буданд: “Рассоми санъати актуалӣ - ин сараввал таҷрибанигор мебошад, ки дар симоҳои рассомӣ як фикри муҳимеро айён мекунад». Аз рӯи маҳз ҳамин муайянот дар ин мақола ба корҳои эҷодкарда баҳо дода мешавад. Он чиз хурсанд мекунад, ки ба туфайли ингуна лоиҳаҳо мо номҳои навро мефаҳмем.

Мехоҳам ҳамаи роҳбарони ин лоиҳаро барои меҳнати калоне, ки онҳо баҳри рушд додани санъати актуалӣ дар Тоҷикистон сарфа мекунанд, минатдорӣ изҳор намоям. Умедвор будан мемонад, ки чунин лоиҳаҳо бештар гузаронида шаванд, барои он ки маҳз имконияти бевосита ва роҳбарикунии кордонона, мисли элаке шуд ва имконият дод, ки рассомони ҷавон ва таҷрибадорон бо ҳам дар як сатҳ ҳарф зананд - натиҷааш дар ҳайрат меорад. Аммо боз чӣ метавонад ба ҷои рассом ҳарф занад, ба ғайр аз он ки натиҷаи кори вай?

*Абдурауфова Гамила*

# «Тилло Теппе» - «Золотая вершина»



Фарҳанги Тоҷикистон бой ва рангоранг мебошад ва ӯ имкониятмедиҳад, ки гузашта ваояндаро бинем. Аз қадимул айём фарҳанг намудҳои зиёди касбҳои ҳунармандии беҳамторо, мисли бофандагии моҳирона ва гулдӯзиҳои беандоза зебо, нақшкориҳои борик ва кандакорӣ дар чӯб, коркарди пӯст ва ҳунари хуби заргарӣ, эҳё мекард. Гуногунии этникӣ, фарҳангӣ, иқлимӣ ва табиатии давлат инъикоси худро дар рушди санъати касбӣ ва ҳунарии вай пайдо кард. Ҳозир бошад баландшудани шӯҳрати маҳсулотҳои ҳунарӣ мушахас карда мешавад. Маҳсулотҳои ҳунарие, ки дастӣ тайёр карда шудаанд бо истифода намудани элементҳои этникӣ ва ба фарҳанги муайяни касби ҳунармандӣ муносибат доранд ва то рафт ҷузъи саноати мӯд ва дизайни интерйер шуда истодаанд.

Имсол барои рушди касби ҳунармандии анъанавӣ, ҳамчун ба як намуди фаолияти фоидаовар, ташкилотҳои байналхалқӣ саҳми бузургро гузоштанд. Онҳо дар доираи лоиҳаи дар минтақаи Осиёи Марказӣ амалӣ карда истодаи худ, бо воситаи гузаронидани ярмаркаҳо, намоишгоҳҳо ва яккатор силсила тренингҳо барои ташаккул ёбии соҳаи ҳунармандии халқӣ асосҳои мустаҳкам гузоштанд.

Аз аввали сол кори фаъолона барои ҳамкорӣ бо шарикони мавҷуд буда ва потенсиалӣ - бо ташкилотҳои давлатӣ ва байналхалқӣ бурда мешавад. Ин кори бисёр муҳим аст ва ту хонандаи мо ҳамчун шарик ва харидори ояндаи мо, саҳми худро барои дастгирӣ намудани ҳунармандон ва рушд намои соҳаи ҳунармандии Тоҷикистон, гузошта метавонӣ.

Дигар рӯдодҳои намоёни соли гузашта, ин намоишгоҳи минтақавӣ ва ярмаркаи маҳсулоти ҳунармандӣ шуда буданд, ки гузаронидани чунин маъракаҳо дар МФ «Бохтар» ҳамчун анъана шуда мондааст. Ингуна ҷорабиниҳо, ҳамчун воситае, ки бо он мардум бо анъана, фарҳанг ва таърихи ҳар як минтақаи алоҳидаи давлатамон наздиктар шинос шуда метавонад. Инчунин, ин ҷорабиниҳо муҳити мусоид барои вусъат додани робитаҳои тиҷоративу фарҳангӣ байни мардуми минтақаҳои гуногун меорад, ки ин дар навбати худ барои нигоҳдорӣ ва рушднамоии таҳаммулӣ байни мардум меорад.

Ҳозир бошад ҳамроҳ бо ҳунармандон корҳои тайёр намудани дизайн, такмилдиҳии технологияи истеҳсолкунӣ, дастгирии маркетингӣ (бозоршиносӣ) ва рушди бозори маҳсулоти ҳунармандӣ бо воситаи тренингҳо, семинарҳо, намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо бурда истодаем.

Дилпурона ба самти интихобкардаи худамон равона шуда, мо ният дорем, ки дар бозори байналхалқӣ иштирок кунем ва маҳсулотӣ ҳунармандии анъанавии Тоҷикистонро ба намоиш гузорем. Ман боварии комил дорам, ки соҳаи ҳунармандии халқии Тоҷикистон имкониятҳои бузург барои пешрафти маҳсулотҳои он дар бозори ҷаҳонӣ дорад. Боварӣ дорам, ҳунармандони тоҷик душвориҳои инзамонаро аз паси сар мекунанд ва маҳсулотҳои онҳо ҳар бор бо беҳамтоӣ ва навигарии худ ҷило ёфта, бештари харидорони хориҷиро ба худ ҷалб мекунанд.

*Шабнам Шерматова менеҷери лоиҳаи «Тилло-Теппа»*



Зани ҳунарманд аз Мурғоб дар сари кор

## Сӯҳбат бо қаҳванӯшӣ

Бохтар_Забонҳо

### English Club

**February 4**
4 p.m

*Black History Month*
Matt Purl ( American Embassy)

**February 11 & 18**
4 p.m

screening of the film in two parts
“Malcolm X”
(Directed by Spike Lee 1992)

Discussion with Anne Benjaminson

**February 25**
4 p.m

**Jazz & Blues**
David Schafer
(American Embassy)

### Club “Voltaire”

February 10
4 p.m

*Free conversation*

February 17
4 p.m

*Free conversation*

February 24
4 p.m

*Free conversation*

**Black History Month** is a remembrance of important people and events in the history of the African Diaspora. It is celebrated annually in the United States and Canada in the month of February , while in the UK it is held in the month of October.

The remembrance was originated in 1926 by historian Carter G. Woodson as "Negro History Week". Woodson chose the second week of February because it marked the birthdays of two Americans who greatly influenced the lives and social condition of African Americans : former President Abraham Lincoln and abolitionist Frederick Douglass .

Deutsche Botschaft Singapur
German Embassy Singapore

Liberté • Egalité • Fraternité
RÉPUBLIQUE FRANÇAISE